**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхоиаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

«29» 09 с.2025 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба самти баландбардории механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ равона гардидааст, ки ба рушди соҳаи мазкур мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар, фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ дар раванди таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳа, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ), ки аз рӯйи

он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022 № 17/ш.д ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) Ғафурзода Сорбон Хушдил дода шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 23 мақола аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ғафурзода Сорбон Хушдил истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ғафурзода Сорбон Хушдил маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқаррароти расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Қодирзода Диловар Баҳриддин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ашурзода Ашур Нурулло**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Каримова М.Т.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Мирсаидов А.Б.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Рауфӣ А.**

*Имзоҳои Каримова М.Т., Мирсаидов А.Б. ва Рауфӣ А.-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ **Аюби Ф.**